Муаллиф: Administrator
18.09.2021 14:39 -

**ДУШАНБЕ, 18.09.2021 /АМИТ «Ховар»/.** *Пас аз анчоми маросими истикболи расмӣ баррасии масъалахои рушду густариши муносибатхои хамкории Точикистону Эрон дар мулокоти хосаи Сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Сайид Иброхими Раисӣ огоз ёфта, дар музокироти васеи хайатхои расмии ду кишвар идома ёфт.*

Дар мулокот мачмуъи масоили хамкории Точикистону Эрон, мавзӯъхои робитахои дучониба, минтакавӣ ва байналмилалӣ, мавриди баррасӣ карор дода шуд.

Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон Президенти Чумхурии Исломии Эрон мухтарам Сайид Иброхим Раисиро ба Точикистон хайрамакдам гуфтанд.

Таъкид гардид, ки мардумони ду кишвари дӯст, хамзабон ва хамфарханги моро арзишхои муштараки маънавию фарханги бо хам мепайванданд. Ин муштаракот метавонад, заминаи мусоид барои рушди минбаъдаи муносибатхои дӯстӣ ва хамкории судманд гарданд.

Зимни мулокот ба масъалаи тахкиму тавсеаи муносибатхои хамкорӣ дар чандин бахшхои ояндадор, аз чумла дар сохахои сиёсӣ, иктисодиву тичоратӣ, коммуникатсия, энергетика, саноат, фарханг, маориф ва илм, таъмини амният ва дигар арсахои барои хар ду чониб судовар, таваччух зохир гардид.

Аз фаъолияти назарраси Комиссияи муштараки хамкории тичоратӣ, иктисодӣ, техникӣ ва фархангии байни Точикистону Эрон дар самти тахкими робитахои иктисодӣ ва тичоратии Точикистону Эрон изхори каноатмандӣ карда шуд.

Барои афзоиши хачми гардиши мол пешниход гардид, ки Барномаи дарозмуддати хамкории иктисодиву тичоратӣ то соли 2030 тахия гардида, барои рушди хамкории дучониба дар сохаи тичорат ва сармоягузорӣ фаъолияти Палатаи муштараки савдо ва саноати Точикистону Эрон ва Шӯрои муштараки сармоягузорӣ байни ду кишвар рохандозӣ карда шавад.

Хамкорӣ дар хавзахои саноату кишоварзӣ, энергетика ва маъдан, аз чумла дар бахшхои сохтмони саддхо, нерӯгоххо, бунёди корхонахои тавлиди дору, масолехи сохтмон ва дигар самтхои дигару судманди робитахои дучониба номида шуд.

Чонибхо рушди инфрасохтор ва пайвасти шабакахои наклиётӣ, бунёди роххои заминӣ, охан ва пайвасти онхо бо бандархои обии Эронро барои тамосхои башарӣ зарур шумурданд.

Дар рафти мулокот чонибхо оид ба густариши хамкории фархангӣ, илмӣ ва сохаи сайёхӣ, табодули афкор карданд.

Зимни баррасии масъалахои хамкорӣ дар сохаи амният, робитахои сохторхо дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, кочоки маводи мухаддир, чиноятхои муташаккили фаромиллӣ ва дигар тахдидхои замони муосир, ба манфиати ду кишвар ва минтака номида шуд.

Чонибхо аз вазъи сиёсию низомӣ дар кишвари Афгонистон изхори нигаронӣ карданд, зеро ин холати мураккаб ба амнияту суботи минтака тахдид мекунад.

Дар рафти мулокот хамчунин масъалахои робитахои ду кишвар дар чахорчӯби созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ, аз чумла Созмони Милали Муттахид ва ниходхои он, Созмони хамкории иктисодӣ, Созмони хамкории исломӣ, Созмони хамкории Шанхай ва дигар сохторхои байналмилалӣ, баррасӣ гардиданд.

Чониби Точикистон огози расмиёти пайвастани Чумхурии Исломии Эронро ба узвияти Созмони хамкории Шанхай истикбол намуда, изхори итминон кард, ки робитахои муштараки ду кишвар дар ин созмон ба дарёфти роххои нави тахкими хамкории созанда мусоидат хохад намуд.

https://khovar.tj/2021/09/1mulo-otu-muzokiroti-sat-i-olii-to-ikistonu-eron/